*УДК 378*
*ББК 74.58*

**МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ**

**Норбобоев Маъруфҷон Олимович,** *унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи информатсионии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫМ ТЕХНОЛОГИЯМ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ**

**Норбобоев Маъруфджон Олимович,** *соискатель кафедры методики преподавание математики и информационной технологии ГОУ "ХГУ им. акад. Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд )*

**INFORMATIONAL TECHNOLOGY TEACHING METHODS AT PRIMARY SCHOOL**

**Norboboev Marufjon Olimovich**, *claimant for candidate degree of the department of informatics under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan,Khujand),* ***E-mail****:m_maruf@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ**: усули таълим, синфҳои ибтидоӣ, технологияи иттилоотӣ, методҳои асосии таълими технологияи иттилоотӣ, ташаккули асосҳои саводнокии компютерӣ, инкишофи тафаккури мантиқӣ, инкишофи малакаҳои алгоритмӣ*

*Дар мақола усули таълими технологияҳои иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳадафи мақолаи мавриди назар баррасии методҳои асосии таълими технологияи иттилоотӣ дар мактаби ибтидоӣ мебошад, ки рушди салоҳиятҳои хонандагони хурдсолро инъикос намудаанд.*

***Ключевые слова**: методы обучения, начальная школа, информационные технологии, основные методы обучения информационным технологиям, формирование основ компьютерной грамотности, развитие логического мышления, развитие алгоритмических навыков*

*В статье анализируется методика обучения информационным технологиям в начальной школе. Целью данной статьи является обсуждение основных методов обучения информационным технологиям в начальной школе, которые отражают развитие компетенций младших школьников.*

***Key words:** teaching methods, primary school, informational technology, basic methods of teaching information technology, establishment of computer literacy foundation, development of logical thinking, development of algorithmic skills*

*The article analyzes the methods of teaching informational technology at primary school. The purpose of the relevant article is to discuss the main methods of teaching informational technology at primary school reflecting the development of the competencies of primary schoolchildren.*

Дар тӯли таърихи инкишофи тамаддуни инсонӣ фарҳанги иттилоотӣ ҳамеша калиди маърифати олами атроф буд. Малакаҳои муайяни кор дар компютер ба ҳар як инсон даркоранд, зеро компютер қисми ҷудонашавандаи зиндагии ҳаррӯза мебошад.

Донишу малакаҳои кор дар компютер қариб дар тамоми касбҳо заруранд: муҳосиб, ҳуқуқшинос, иқтисодшинос, хазинадор, меъмор, дизайнер, тарроҳ ва ғ.

Таҳсилоти иттилоотӣ дар ташаккули шахсият, дар инсон тарбия намудани қобилияти дарки мазмуни масъалаи дар назди ӯ гузошта, маҳорати фикрронии дурусту мантиқӣ, татбиқи донишҳои ҳосилшуда дар амалия нақши махсус дорад.

Ҷустуҷӯи воситаву методҳои таълим барои инкишофи салоҳиятҳои калидӣ ва иҷтимоии мактаббачагон тамоюли муҳимтарини таҳсилоти муосир мебошад. Инкишоф додани ин салоҳиятҳоро аз синни хурди мактабӣ оғоз намудан зарур аст, чунки маҳз дар ҳамин давра оғози ташаккули малакаҳои асосии амалии ҳар як инсон ба шумор меравад.

Аксарияти педагогу психологҳо чунин ақида доранд, ки таълими барвақти технологияи иттилоотӣ кӯдаконро аз бачагӣ маҳрум месозем, вале ба андешаи мо, барвақт инкишоф додани салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон чӣ қадар ки барвақт оғоз ёбад, дар симои ҳар як бача дар интиҳои таълим шахсияти аз лиҳози иҷтимоӣ ҳамон қадар бештар мутобиқшударо ба даст меорем.

Ҳадафи кори мазкур баррасии усулҳои асосии таълими технологияи иттилоотӣ дар мактаби ибтидоӣ мебошад, ки рушди салоҳиятҳои хонандагони хурдсолро ба ваҷҳи беҳтарин инъикос менамоянд.

Технологияи иттилоотӣ ба мактаби ибтидоӣ ворид шуд. Аммо ҳар як педагоги мулоҳизакор ба худ савол медиҳад: «Оё ҳама ин барои кӯдак хуб аст? Оё мо ӯро аз фурсате, ки кафлесакҳоро дар кӯлмак мушоҳида кардан, назди тиреза нишаста, рафтуомади одамонро дар рӯйи ҳавлӣ назорат бурдан мумкин аст, маҳрум намесозем?». Ба иборати дигар, оё мо кӯдаконро ба олами «калонсолон» кашида, аз бачагӣ, мувофиқи фаҳмиши худамон (аниқтараш, хотиротамон), маҳрум намекунем?

Бешубҳа, ин саволҳо хеле муҳиманд. Ҷавоб ба онҳо, ба андешаи мо, зиндагие хоҳад буд, ки кӯдакони имрӯза, хонандагоне бунёд месозанд. Мо бояд пеш аз ҳама, ба саволҳои зерин ҷавобро ҷустуҷӯй намоем: *Дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ ба кӯдакон чиҳоро бояд омӯзонд? Оё фанни «технологияи иттилоотӣ» ҳамчун дарси алоҳида метавонад бошад? Кӣ бояд технологияи иттилоотӣро таълим диҳад - омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ё омӯзгори технологияи иттилоотӣ? Аммо саволи асосӣ: бачагонро чӣ тавр таълим бояд дод?*

Маълум аст, ки низоми методии ҳама гуна фан маҷмӯи панҷ ҷузъ аст: *ҳадафҳо, мундариҷа, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкилии таълим [11, с.69]*. Низомҳои методии фанҳои таълимӣ, ки мундариҷаи таҳсилоти миёнаи умумиро ташкил медиҳанд, дар тӯли даҳсолаҳои зиёд асосан ба таври эмпирӣ ташаккул ёфта, дар амалияи мактаб санҷида мешуд ва тағйироти назаррасро дар давраи 10-15 сол аз сар мегузаронд.

Барои технологияи иттилоотӣ динамизми тағйирёбии низоми методии таълими он хос мебошад. Дар солҳои сипаришуда тасаввурот дар бораи он, ки дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ чиро ва чӣ тарз таълим бояд дод, якчанд маротиба иваз шуд.

Ҳадафҳои таълими технологияи иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ асосан бетағйир мондаанд. Педагогҳо, психологҳо, методистон ин курсро якдилона ҳамчун курси пропедевтӣ дарк мекунанд. Ихтилофи ягона, ки бештар ба муаммои истилоҳшиносӣ дахл дорад, ба истилоҳҳои «саводнокии компютерӣ» ва «фарҳанги иттилоотӣ» мансуб аст. Ҳанӯз чанде пеш масъалаи аз ҷониби хонандагон азхудкунии «саводнокии компютерӣ» ба миён гузошта мешуд, имрӯз бошад, зарурати ташаккули «фарҳанги иттилоотӣ» дар мактаббача таъкид мегардад. Мутахассисони пешбар таърифҳои гуногуни ин мафҳумҳоро пешниҳод мекунанд, дурусттараш, дар онҳо талаботи ниҳоии гуногунро нисбат ба маҳорати хонанда пеш меоранд. Ба андешаи мо, дар мавриди хонандагони хурдсол оид ба омӯзиши асосҳои саводнокии компютерӣ сухан рондан мувофиқи мақсад аст.

Ҳадафҳои асосии курси пропедевтии технологияи иттилоотӣро дар мактаби ибтидоӣ чунин ифода кардан мумкин аст:

- ташаккули асосҳои саводнокии компютерӣ;
- инкишофи тафаккури мантиқӣ;
- инкишофи малакаҳои алгоритмӣ ва татбиқи дидгоҳҳои системавӣ дар ҳалли масъалаҳо;
- ташаккули малакаҳои одитарини компютерӣ (шиносоӣ бо компютер, бо мафҳумҳои одитарини соҳаи технологияҳои иттилоотӣ).

Дарк намудан муҳим аст, ки мундариҷаи саводнокии компютерии дар раванди таълими мактаби ибтидоӣ ташаккулёбандаро муайян намуда, бо доираи фанни «Технологияи иттилоотӣ» маҳдуд набояд шуд. Баръакс, ин масъаларо бо ҷалби тамоми фанҳои мактабӣ, кори берунази синфӣ ва ёрии волидайн ҳал бояд кард.

Дар оғози таълими оммавии технологияи иттилоотӣ асосҳои алгоритмизатсия дар мактаби болоӣ замина гузошта мешуданд. Имрӯз возеҳ гардида истодааст, ки кори ҳадафмандонаро оид ба ташаккули тарзи алгоритмии тафаккур дар синфҳои ибтидоӣ оғоз намудан мувофиқи мақсад аст, зеро дар хонандагони синфҳои болоӣ тарзи тафаккур аллакай амалан ташаккул ёфтааст, шаклҳои нави тафаккурро онҳо бо душворӣ дарк мекунанд.

Синни хурди мактабӣ барои инкишофи равандҳои психикии барои таълиму зиндагии минбаъдаи мактаббача муҳим, мисли рефлексия, нақшаи ботинии амалиёт, ки дар навбати худ, заминаи ташаккули тарзи алгоритмии тафаккур мебошанд, бештар мусоид аст. Агар ин вақт аз даст равад, дар синни калонтар ин сифатҳоро инкишоф додан душвор аст, баъзан ҳатто ғайриимкон мегардад [1, с.22].

Муаммои таносуби таълим бо асосҳои технологияи иттилоотӣи назариявӣ ва технологияҳои компютерӣ ба синфҳои ибтидоӣ низ дахолат намуд. Зарурати дар мактаб таълим додани истифодаи амалии компютерҳоро инкор накарда, умед мебандем, ки таваҷҷуҳ ба таълими технологияҳо тадриҷан аз доираи дарсҳои технологияи иттилоотӣ берун бароварда мешавад.

Таълими истифодаи компютер ҳамчун асбоб бояд дар тамоми дарсҳо, ҳамчунин дар фаъолияти беруназдарсии хонандагон ба роҳ монда шавад. Барои ин якчанд сабабҳо вуҷуд доранд.

Солҳои охир компютери шахсӣ дар хонаҳои хонандагон аз мактаб дида бештар пайдо мешавад. Нархи компютери дорои захираҳои миёна аллакай имрӯз бо нархи телевизор баробар шудааст. Бо вуҷуди ин, ҳатто мактаби бойтарин барои ҳар як хонанда компютери алоҳидаро харида наметавонад. Дар шароити хона бачагон бидуни ёрии мактаб аз ӯҳдаи иҷрои муаммоҳои техникӣ, мисли кор бо муш ва клавиатура, интихоби пункт дар феҳрист (меню) ё «ҳатто» ҳифзи файл баромада метавонад. Инро таҷрибаи бисёр волидайн исбот месозад. Ба ғайр аз ин, таҷдиди воситаҳои корбарӣ имрӯз бо чунин суръате ҷараён мегирад, ки ҷиддӣ азхудкунии онҳо аз синфҳои 8-11 барвақттар шояд маъное надорад. Маълум аст, ки истифодабарандаи манфиатдор муҳаррири матниро дар дар давоми якчанд рӯзи корӣ, яъне 30-40 соат аз худ карда метавонад. Агар ангезиши қатъӣ барои натиҷа мавҷуд набошаду соатҳои барои ин малака ҷудошуда дар якчанд моҳ кашол дода шаванд, сатҳи самарабахшии азхудкунӣ хеле паст мешавад.

Муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ И.И.Антипов, О.А.Боковнев, М.Е.Степанов [1], О.Ф.Брискина [3], А.Ф.Тихомиров [11] ки бо омӯзиши истифодаи компютерҳо аз ҷониби хонандагони синфҳои поёнӣ машғуланд, якчанд ҷиҳатҳои манфии ин равандро муайян кардаанд. Истифодаи компютерҳо дар таълими мактаббачагони хурдсол метавонад дар воқеияти атроф, қатъшавии равандҳои ассимилятсия дар ташаккули тафаккур гардад. Ҳангоми кор бо компютер дар бачагон кандашавии робитаи байни воқеият ва тахайюл, чизи матлуб ва воқеӣ рӯй медиҳад. Бачагон аз рӯйи инкишофашон барои гирифтани фоида аз кори бевосита бо рамзҳо ва иттилооти абстрактӣ омода нестанд, зимнан малакаҳои барои кор бо компютер зарурӣ ба қобилияти амалиётии кӯдак мувофиқ нестанд.

Ҳамчунин ақидае ҳаст, ки компютерҳо метавонанд барои аз ҷониби бачагон андӯхтани таҷрибаи зарурии амалиёт бо объектҳои воқеӣ ва падидаҳ монеа гарданд, ба ғайр аз ин, метавонанд фаъолнокии ҷисмонӣ ва рушди ҷисмонии бачагонро маҳдуд намоянд. Бинобар ин, муҳити таълим дар синфҳои ибтидоӣ бояд чунин ташкил шавад, ки истифодаи объективӣ компютерӣ бо мавҷудияти ҳамарзишии моддии он баробар бошад.

Дар замони ҳозира гузаштани дарсҳо дар заминаи методикаҳои бозӣ зимни таълими технологияи иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар мадди аввал қарор гирифтааст. Сабаб дар он аст, ки ин методикаҳо қариб тамоми шаклҳои корро фаро гирифта, барои фаъолияти эҷодӣ, рушди зеҳнии кӯдак имконияти васеъро муҳайё месозанд.

Маълум аст, ки бозӣ дар зиндагии рӯзмарра бо якнавохтии он, ки тарзи ҳаётро детерминатсияи қатъӣ менамояд, танаффус ворид мекунад.

- ✓ Бозӣ тартибро ҷорӣ мекунад. Низоми қоидаҳо дар бозӣ мутлақ ва раднопазир мебошад. Қоидаҳои бозиро вайрон карда, дар он будан ғайриимкон аст.
- ✓ Бозӣ имконияти бунёд ва муттаҳид намудани коллективро фароҳам меорад. Ҷолибияти бозӣ чунон бузург ва тамоси одамон бо якдигар чунон мукаммал ва амиқ аст, ки иттиҳодияҳои бозикунандагон қобилияти баъди бозӣ, берун аз доираи он низ боқӣ монданро зоҳир мекунанд.
- ✓ Бозӣ унсури номуайянӣ дорад, ки зеҳнро бармеангезад, фаъол мегардонад, ба ҷустуҷӯи қарорҳои беҳтарин таҳрик мебахшад.
- ✓ Бозӣ дар бобати мафҳуми шаъну шараф, худмаҳдудкунӣ ва худфидокунӣ ба фоидаи коллектив тасаввурот ҳосил мекунонад. Бозӣ тахайюлро инкишоф медиҳад, ки барои офаридани оламҳои нав, устураҳо, вазъият, қоидаҳои бозӣ зарур аст.
- ✓ Бозӣ чандирии психологиро инкишоф медиҳад.
- ✓ Бозӣ на танҳо мусобиқа, балки санъати театрӣ, қобилияти ба образ даромадан ва онро то охир расонидан мебошад. Тасодуфӣ нест, ки барномаҳои таълимии компютерии муваффақтарин бо истифодаи методикаҳои бозӣ тарҳрезӣ шудаанд. Ба омӯзгори муосир фарогирии таснифот ва назарияи тарзрезии бозиҳое, ки дар таълим истифода мешаванд, хеле муҳим аст.
- ✓ Таърифи зерини бозиро қабул мекунем: *Бозӣ - фаъолияте, ки ангезаи (мотив) он дар худаш нуҳуфтааст.* Яъне чунин фаъолиятест, ки на ба хотири натиҷа, балки ба хотири худи раванд амалӣ мегардад.

Бозиҳое, ки дар таълим истифода мешаванд, ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Нақшдор.
2. Ташкилӣ.
3. Корӣ.

Муайянкунии типи бозӣ мушкилот вуҷуд дорад, зеро баъзе принсипҳои тарҳрезии бозиҳои гуногун ба ҳам монананд, аммо бо вуҷуди ин, байни онҳо тафовути назаррас, принсипиалӣ ҳаст. Тамоми бозиҳо аз ҷиҳати таъсирашон ба иштирокчиён се вазифаи асосиро иҷро мекунанд:

- тарбиявӣ;
- таълимӣ;
- хушҳолкунанда.

Аммо миёни функсияҳои бозӣ ҳудуди аниқ гузоштан ғайриимкон аст. Ҳар як бозӣ ягон чизро меомӯзонад, дар бозингарон сифатҳои муайянро тарбия мекунад ва дар айни замон, ноилшавӣ ба ҳадафи хушҳолкуниро таъмин менамояд, ба истиснои бозиҳои корӣ.

*1. Бозиҳои ташкилӣ.*Бозиҳои ташкилӣ-фаъолона (БТФ) ҳамчун шакли махсуси ташкил ва методи таҳрикбахшии фаъолияти фикрии коллективӣ, ки ба ҳалли муаммоҳо равона мешавад, ҳам дар соҳаи иҷрои вазифаҳои эҷодӣ, ҳам дар низомҳои зеҳнии идоракунӣ васеъ паҳн гардидааст.

Дар варианти «классикӣ» БТФ ба сифати асбоби ҷустуҷӯи ҳалли беҳтарини муаммоҳои мураккаби техникӣ, ташкилӣ ё идоракунӣ дар шароити воқеии корхонаву муассисаҳо истифода мешавад. Моҳияти БТФ дар он аст, ки бозӣ маҷмӯи методикаҳо ё техникаҳои ҳамбаста (фикрӣ-зеҳнӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва ғ.) таъминкунандаи ивазшавии мантиқан асосноки навъҳои фаъолияти коллективӣ, гурӯҳӣ, микрогурӯҳӣ мебошад, ки ҳадафи он бунёди «маҳсули бозӣ» - матни дорои ҳалли муаммои гузошташуда ё ҳатто дар рафти бозӣ ифодаёфта мебошад. Ҳалли муаммо предмети ин бозиро ташкил медиҳад.

Бозиҳои ташкилӣ-таълимӣ муаммоҳои таълими касбӣ ва рушди умумии иҷтимоии одамони калонсолро тариқи воситаҳо ва методҳое ҳал мекунанд, ки рушди шахсиятро таъмин намуда, дар инсон қобилияти муносибати таҳқиқӣ ва эҷодии тағйирдиҳандаро ба воқеияти атроф ташаккул медиҳанд.

Таълими калонсолон метавонад ҳангоми татбиқи принсипҳои таълими инкишофдиҳанда самарабахш гардад. Ин ба маъноест, ки раванди таҳсилот бояд на танҳо раванди интиқоли донишҳо, балки бештар раванди идоракунии рушди шахсият бошад.

*2. Бозиҳои корӣ.*Солҳои охир *бозиҳои корӣ* дар соҳаҳои гуногун торафт васеътар татбиқ мешаванд: асосан дар иқтисодиёт ва сиёсат, ҳамчунин дар ҷомеашиносӣ, экология, маъмурӣ, таҳсилот, банақшагирии шаҳр, таърих. Бозиҳои корӣ ё тақлидӣ барои омодакунии мутахассисони соҳаҳои дахлдор, ҳамчунин барои иҷрои вазифаҳои таҳқиқ, пешгӯӣ, аз санҷиш гузаронидани навовариҳо истифода мешаванд.

Ҳангоми тавсифи ин метод истилоҳҳои гуногун ба назар мерасанд. Маъмулан агар бозиро иқтисодшиносон гузаронанд, он бозии корӣ номида мешавад. Дар соҳаи сиёсат, банақшагирии шаҳр одатан истилоҳи «бозии тақлидӣ» ба кор меравад. Истифодаи истилоҳи «бозии тақлидӣ» бо хусусиятҳои муҳими ин метод алоқаманд аст. Бозии тақлидӣ ба вазъияти мушаххас асос ёфтааст, ки аз ҳаёти воқеӣ гирифта шудаанд ва амсилаи динамикии воқеияти содатар гардонида мебошад. Яъне дар заминаи бозӣ амсилаи тақлидие қарор дорад, ки тариқи амалҳои иштирокчиёни бозӣ татбиқ мегардад.

3. Бозиҳои нақшдор.Истилоҳи *бозиҳои нақшдор* сермаъност. Мувофиқи дидгоҳҳои дар психологияи ватанӣ қабулшуда бозии нақшдор шакли олитарини инкишофи бозии бачагона ба ҳисоб меравад. Он дар синни томактабӣ ривоҷ карда, дар ин давра ба сифати фаъолияти пешбар баромад мекунад ва баъдтар нақши пешбарро ба таълим вогузошта, дигар ба сифати қувваи мустақили пешбарандаи рушди минбаъда баррасӣ намегардад.

Аммо дар ин сурат ба бозиҳои нақшдори бачагони синнашон калонтар (ҳамчунин ба бозиҳои калонсолон) чӣ гана муносибат бояд кард? Таснифоти *бозиҳои нақшдорро* (БН) аз рӯйи нишонаҳои гуногун анҷом додан мумкин аст. БН вобаста ба воситаи бунёди онҳо ва ҷойи гузаронидан, аз рӯйи сатҳи мураккабӣ ва аломати муваққатӣ ё ҳадаф ба синфҳо ҷудо мешаванд. Барои бомуваффақият гузаронидани ҳатто БН одӣ ба ташкилкунанда муайян намудани нишонаҳои мушаххаси таснифотии он зарур аст.

I. Нишонаҳои ҳудудӣ (рӯимизӣ, павилйонӣ, дар маҳал).

II. Сатҳи мураккабӣ (афсонавӣ, таърихӣ-этнографӣ, иттилоотӣ ва ғ.).

III. Нишонаҳои ҳадаф ва замонӣ.

1. Бозиҳои ҳадафдор (мувофиқи сенарияи бозӣ ҳангоми ба ҳадафи муайян расидани бозингарон онҳо ғолиб эълон шуда, бозӣ бо ҳамин ба итмом мерасад).

2. Бозиҳо бо интиҳои кушода (сенарияи бозӣ аз рӯйи вақти гузаронидан маҳдудият дорад, коркарди дақиқи сенария зарур аст, ки самтгирии имконпазири рафти бозиро пешбинӣ

менамояд; ҳар як бозингар ҳадафи худро дорад, аммо иҷрои он барояш хотима нест, пайдо шудани ҳадафҳои навтар, бештар куллӣ имконпазир мебошад).

3. Нон - стоп (бозиҳои беист). Сенария бо назардошти он таҳия мешавад, ки бозингарон барои идома додани бозӣ аз он ҷое, ки рӯзи гузашта тамом шуд, имконият пайдо кунанд.

IV. Сатҳҳои иштирок дар бозӣ

Иштироки бозингаронро дар бозиҳои нақшдор аз рӯйи «амиқии ғӯтавар шудан» таснифот кардан мумкин аст. Сатҳи иштирок вобаста ба омодагии бозингар ва таҷрибаи ӯ баланд мешавад.

1. Иштироки камфаъол (экскурсант). Дар ин марҳала иштирокчиён фаъолона амалиёт надоранд, балки инкишофи сужетро мушоҳида мекунанд.

2. Иштироки маҳдуд (пайрав). Иштирокчиён бевосита ба бозӣ ворид карда шудаанд, аммо ташаббуси онҳо бо пешбарон маҳдуд шудааст.

3. Иштироки озод (бозингар). Барои амалӣ намудани чунин сатҳи иштирок мавҷудияти таҷрибаи бозингарон ва кори дақиқи пешбарон заруранд. Бозингарон амалҳояшонро мустақилона муайян мекунанд, тавзеҳоти шахсӣ ва дастаро коркард менамоянд. Рафти бозӣ асосан ба худи иштирокчиён вобаста мебошад, пешбарон риояи қоидаҳоро назорат бурда, рафти бозиро танзим мекунанд.

V. Коркарди бозӣ

Марҳалаи аввалини ташкили бозии нақшдор коркарди назариявӣ мебошад, ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

1. манзараи олами амсилашаванда;
2. қоидаҳои бозӣ;
3. шиносоӣ даставӣ ва (ё) инфиродӣ.

Тамоми рафти бозӣ ба дақиқ андешидани ин марҳалаи бозӣ вобаста мебошад.

1. Манзараи олами амсилашаванда. Тавсиф намудан шарту қонунияти мавҷудияти олами амсилашаванда зарур мебошад. Ҳар қадар ки онҳо мукаммалу возеҳ тавсиф шаванд, амалиёти бозингарон ҳамон қадар гуногун ва мулоҳизакорона мегарданд. Нақшаи тавсиф чунин аст: ҷойи амалиёт; вақти амалиёт; шахсони амалкунанда ва мавқее, ки онҳо ишғол мекунанд; ҳодисаҳое, ки пеш аз давраи амсилашавандаи замон рӯй доданд; вазъияте, ки дар оғози бозӣ ба миён омад.

2. Қоидаҳои бозӣ қонуни асосии бозӣ мебошанд, бинобар ин, коркарди онҳо бо мақсади тавзеҳоти гуногун бояд бо дақиққории ҳуқуқшиносона анҷом ёбад.

3. Шиносоӣ, даставӣ ва инфиродӣ аз ҷониби ташкилотчиён ё худи бозингарон дар мувофиқа бо ташкилотчиён коркард мешаванд. Шиносоӣ ба иштирокчиён ёрӣ мерасонанд, то нақши худро хубтар дарк намуда, мавқеашонро дар олами амсилашаванда муайян намоянд ва тарзи рафторашонро тарҳрезӣ кунанд.

Барои сохтани бозии хуби нақшдор дар бораи қисмҳои таркибии бозӣ тасаввуроти дақиқ доштан зарур аст:

- амсиласозии нақшдор;
- алгоритми бозии нақшдор;
- заминаи фаъолиятии бозии нақшдор;
- одоби устоди бозӣ;
- стандартҳои қоидаҳо ва истифодаи онҳо дар бозӣ.

Кадом типи бозиро ҳангоми таълими технологияи иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ истифода бурдан мувофиқи матлаб аст?

Дар дарсҳои технологияи иттилоотӣи синфҳои ибтидоӣ омӯзгор маҷбур аст, ки ҳамеша типи нав, бозиҳои омехтаро таҳия намояд, ки ба бозии нақшдор асос меёбад. Масалан, барои мустаҳкам намудани малакаҳои фарқ кардани предмет аз рӯйи хусусиятҳояш аз маҷмӯи додашуда дарс-бозии зеринро гузаронидан мумкин аст. Тамоми синф ба гурӯҳҳо тақсим мешавад. Ба ҳар як гурӯҳ маҷмӯи расмҳо (масалан, гурба, шакар, бинт, намак, кран) тақсим мешаванд. Бачагон бояд афсона- бозиро ёфта бароранд, ки дар натиҷаи иҷрои он яке аз предметҳои маҷмӯи пешниҳодшуда хориҷ мешавад, зимнан онҳо нақши «гурба», «шакар» ва ғайраро мебозанд. Гурӯҳҳои гуногуни бачагон метавонанд ҷавобҳои гуногун диҳанд, масалан, гурба - махлуқи зинда ё шакар - аз ду ҳиҷо иборат аст.

Вазифаи омӯзгор - ёрӣ додан ба бачагон барои гузаронидани намоиши хурд (бозии нақшдор), ки ҳадафи он - ҷудо кардани предмет аз маҷмӯи мазкур аст. Баъди анҷоми бозӣ омӯзгор бояд онро таҳлил карда, қайд намояд, ки кадом гурӯҳ масъалаи гузоштаро дуруст ҳал

(бозӣ) кард, кӣ нақшашро бомуваффақият иҷро намуд, иқдоми кӣ (олами амсилашуда) шавқовартар аст ва ғ.

Кор дар самти ҳалли муаммои мазкур ба хулосае мерасонад, ки методҳои бозӣ ва эвристии таълими хонандагони хурдсол ҳангоми омӯзиши технологияи иттилоотӣ бештар қобили қабуланд, зеро истифодаи ин методҳо шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун илм инкишоф медиҳад.

Аз ин ҷо ба хулосае мерасем, ки таълими технологияи иттилоотӣро аз синни хурди мактабӣ, бо роҳи истифодаи методҳо, тарзу шаклҳои самарабахши таълими оғоз бояд кард.

Тарбияи шахсияти аз лиҳози иҷтимоӣ мутобиқ бидуни таълими технологияи иттилоотӣ ғайриимкон аст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Антипов, И.И. О преподавании информатики в младших классах/И.И.Антипов,О.А.Боковнев, М.Е.Степанов// Информатика и образование1999. -№ 5.-С.46-50
2. Болотянский,В.Г. Игровые компьютерные среды учебного назначения /В.Г.Болотянский, В.Е.Рубцов//Информатика и образование, 2000. -№ 5.-55-60
3. Брыксина, О.Ф. Информационные минутки на уроках в начальной школе/О.Ф.Брыксина// Информатика, 2000.- № 6.-С.32-38
4. Булгакова, Н.Н. Знакомство с компьютером в детском саду/Н.Н.Булгакова // Информатика, 2001.- № 18.-С.101-107
5. Габай, Т.В. Педагогическая психология/ Т.В.Табай.- М.: МГУ, 1995.- 165 с.
6. Горячев, А.В.Информатика в играх и задачах. Методические рекомендации для учителя/ А.В.Горячев.-М.: БАЛЛАС, 2008.- С.202-205
7. Каляда, Е.П. Развитие логического и алгоритмического мышления учащихся первого класса / Е.П.Каляда//Информатика и образование, 1995.- № 6.-100-106
8. Коляда, Е.П. Развитие логического и алгоритмического мышления учащихся второго класса /Е.П.Коляда//Информатика и образование, 1996.- № 1.- С.24-29
9. Первин, Ю.А. Зимние вечера. Информатика для начинающих/Ю.А.Первин//Информатика, 2001.-1(14).-С.78-84
10. Талызина, Н.Ф. Педагогическая психология/Н.Ф.Талызина.-М.: Академия, 1998.-288 с.
11. Тихомирова, А.Ф.Развитие логического мышления детей/А.Ф.Тихомирова, А.В.Басов.- Ярославль: Гринго, 2005. -240 с.
12. Хуторской, А.В. Эвристический подход к обучению информатике/А.В. Хуторской,О.Н.Галкина//Информатика и образование. 1996.-№ 6.-С.45-52


## REFERENCES:


1. Antipov, I.I. On Teaching computer science in primary school/ I.I. Antipov., Bokovnev O.A., Stepanov M.E. // Informatics and Education, No. 5, 1999.
2. Bolotyansky, V.G., Rubtsov V.E. Gaming computer environments for educational purposes // Informatics and Education, No. 5, 2000.
3. Bryksina, O.F. Information minutes in the classroom in primary school. // Computer Science, No. 6, 2000.
4. Bulgakova,N.N. Acquaintance with a computer in kindergarten. // Computer Science, No. 18, 2001.
5. Gabai, T.V. Pedagogical psychology. M .: Moscow State University.-1995.-165 p.
6. Goryachev, A.V. and others. Informatics in games and tasks. Methodical recommendations for the teacher. M .: BALLAS, 2008.
7. Kalyada, E.P. Development of logical and algorithmic thinking of primary schoolchildren. Informatics and education, №. 6, 1995.
8. Kolyada, E.P. Development of logical and algorithmic thinking of second-grade schoolchildren. Informatics and education, no. 1, 1996.
9. Pervin, Yu.A. Winter evenings. Computer Science for Beginners. // Informatics, No. 1 - 14/2001.
10. Talyzina, N.F. Pedagogical psychology. M .: Academy, 1998.
11. Tikhomirova, A.F., Basov A.V. Development of logical thinking of children. Yaroslavl: Gringo, 2005.
12. Khutorskoy, A.V., Galkina O.N. A heuristic approach to teaching computer science. // Informatics and education, no. 6, 1996.